«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат

«__» ________ 2025 с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссератсияи Ибрагимова Машҳурахон Турачоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссератсияи Ибрагимова Машҳурахон Турачоновна таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқу омӯзиши муқоисавии самти функсионалӣ-семантики (вазифавӣ-маъноӣ)-и локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзуъро бар мабнои усули муқоиса мавриди баррасӣ қарор додааст. Муҳтавои он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти** диссертатсионии Ибрагимова Машҳурахон Турачоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти омӯзиши майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар илми забоншиносии муқоисавӣ иқдоми нахустин мебошад. Пажӯҳиши роҳҳои баёни ифодаи майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои муқоисашаванда бо унсурҳои зиёди сарфиву наҳвӣ сурат гирифтааст. Ба ақидаи муаллиф, дар низоми грамматикаи забонҳои мазкур майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ ҳамчун воситаи муҳимми дастурӣ дар ташаккули воҳидҳои гуногун ва конструксияҳои мухталифи забон ба таври самаранок ширкат меварзанд ва яке аз аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти докторант ҳамин масъала низ маҳсуб мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки доираи назарияи майдон ба тамоюлҳои муосири забоншиносӣ мувофиқат мекунад, ки ин, бешак, бартарии назарияи мазкурро нисбат ба дигар назарияҳо нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар илми забоншиносӣ дар доираи омӯзиши муқоисавии забонҳо ба таҳлили функсионалии ҳодисаҳои забонӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида бошад ҳам, омӯзиши майдонҳои функсионалӣ-семантикӣ танҳо дар қарни XX оғоз гардидааст. Яъне, ҷанбаҳои мухталифи майдон, сохтори он, нишондиҳандаҳои марказ ва ҳудудҳои наздимарказӣ мавриди таҳқиқоти забоншиносон қарор гирифта бошанд ҳам, таҳқиқи муқоисавии майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ то имрӯз мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст, ки ин масъала муҳиммияти мавзуи интихобшударо асоснок менамояд.

Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ диссертатсияро аз мубрамияти мавзуъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани муқоисаи ифодаи майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои қиёсшаванда, оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки мавзуи баррасишаванда даричаеро ба сӯйи муайян намудани хусусиятҳои муқоисавии самти функсионалӣ-семантики (вазифавӣ-маъноӣ)-и локативӣ дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ, инчунин ошкор намудани нишонаҳои умумӣ ва мухталифи типологии самти функсионалӣ-семантикии локативиро дар забонҳои муқоисашаванда мекушояд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Муқарраротҳои илмии дар диссертатсия овардашуда дар асоси маводҳо аз адабиёти бадеии англисиву тоҷикӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил гардидани хусусияти майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои муқоисашаванда такя ба собитҳои илмӣ ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти докторант (PhD) дар нашриётҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷаллаҳои конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ интишор гардидааст.

Хулосаҳои муаллиф оид ба амалисозии мавзуи мазкур маводҳои фактологӣ аз адабиёти бадеӣ ва луғатҳои забонҳои англисиву тоҷикӣ гирдоваришуда, буда илман асоснок карда шудааст.

Шиносоӣ бо диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки дар он муаллиф дар асоси маводҳо аз адабиёти бадеии англисиву тоҷикӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил намудани хусусияти майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои муқоисашавандаро истифода бурдааст ва ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гаштааст.

Тадқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши

забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019, №438) ба амал баровварда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқоти гузаронидашуда дар он ифода меёбад, ки бори нахуст майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, яъне низоми воситаҳои гуногунсатҳи ифодаи маънои локативият дар заминаи маводи забонҳои англисиву тоҷикӣ ба таври муқоиса мавриди омӯзиш қарор гирифта, сохтор ва ҷузъҳои таркибии майдони функсионалӣ-семантикии локативии забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ мавриди пажӯҳиши махсус қарор гирифта, ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо ошкор карда шудаанд. Инчунин, навгонии илмии диссертатсияи мазкур бо дарназардошти вазифагузориҳо муқаррар карда шудааст. Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмиро инъикос менамоянд аз чунин нуктаҳо иборат аст: таҳқиқи воситаҳои ифодаёбии муносибатҳои фазоӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар чаҳорчӯбаи майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ; муносибатҳои фазоии статикӣ ва динамикӣ; майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ; майдонҳои хурд дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ; ҷузъи таркибии майдонҳои хурд дар забонҳои муқоисашаванда; микдори нишондиҳандаҳои музофоти; майдонҳои хурди ҷойгиршавӣ ва ҷойивазкунӣ дар забонҳои муқоисашаванда.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳаммияти илмии дисертатсия аз он иборат аст, ки омӯзиш дар асоси таҳлили маводи воҳидҳои гуногунсатҳи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сурат гирифта, ҷойгиршавии майдон ва ифодаҳои марбут ба онро дар ду забони муқоисашаванда фаро мегирад. Ин муаммо дар забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди пажӯҳиши мушаххаси илмӣ қарор гирифта, натиҷаҳои назарии бадастомадаро метавон ҳамчун сарчашмаҳои боэътимод дар муайян намудани паҳлуҳои мухталифи майдони функсионалӣ-семантикӣ дар забонҳои дигари муқоисашаванда истифода бурд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти докторант иборат аз амалигардонии вазифаи амиқи муоширатӣ ва аз тарафи омӯзандагони забони англисӣ ба беҳтару хубтар дарк намудани воситаҳои забоние, ки ба муҳити муносибатҳои фазоӣ тааллуқ доранд, мусоидат мекунад. Аз ин ҷиҳат, натиҷаҳои таҳқиқотро дар курсҳои махсуси грамматикаи функсионалӣ, грамматикаи назариявӣ ва амалии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, курсҳои назарии тарҷума ва типологияи муқоисавии забонҳо, ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ аз рӯйи ихтисоси марбут метавон васеъ истифода бурд.

**Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Дараҷаи эътимоднокии кори таҳқиқотии мазкурро дақиқии маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳои додашуда дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-назариявии кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷии муассисаи таълимии номбурда арзёбӣ гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Саҳми докторант дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бори нахуст бо такя ба маводи фаровони забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, сохтор ва унсурҳои таркибии он мавриди пажӯҳиши диссертатсионӣ қарор дода, хусусиятҳои шабеҳ ва фарқкунандаи онҳоро нишон дода, дар асоси таҳлил хулосаҳои амиқи илмӣ баровардааст. Инчунин ӯ муддати солҳо, дар баробари фаъолияти таълимӣ, ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи ҷамъовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори илмӣ машғул шуда, дар ин самт мақолаҳои илмӣ таълиф намуда дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун суханронӣ кардааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Докторант муаллифи 9 мақолаи илмӣ марбут ба кор мебошад, ки аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ ба чоп расонидааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Дар мақолаҳои илмии докторант муҳтавои тадқиқот ба таври лозима инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Сохтори диссертатсияи Ибрагимова Машҳурахон Тураҷоновна бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои муқарраргардидаи таҳқиқот давомнокии мантиқиро фарогир буда, аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Диссертатсия 9 ҷадвал, 2 расм ва 216

номгӯи адабиётро дар бар гирифта, матни он дар 172 саҳифаи чопи компютерӣ баён карда шудааст.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи тадқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ муқаррар карда шудааст. Инчунин дар тавсифи умумии таҳқиқот мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, сарчашмаҳои амалии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, маълумот оид ба интишороти натиҷаҳои таҳқиқот ба таври муфассал оварда шудаанд.

Агар ба ҳолати муқоисавии ҷанбаҳои забоншиносӣ назар намоем, то ин замон дар кишвари мо корҳои илмию таҳқиқотии зиёде ба анҷом расидаанд, аммо муқоисаи хусусиятҳои грамматикии самти функсионалӣ-семантики (вазифавӣ-маъноӣ)-и локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бори нахуст мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи мавриди пажӯҳиш муҳаққиқ маводи муфассалеро оид ба омӯзиши муқоисавии самти функсионалӣ-семантики (вазифавӣ-маъноӣ)-и локативиро дар забоншиносии рус, тоҷик ва англис зикр намуда, аз ҷумла қайд намудааст, ки шарҳи асосҳои назариявию методологии рисола аз мушоҳида, таҳлил, таҳқиқ ва усулҳои таҳқиқот дар асоси тасвири майдони функсионалӣ-семантикии локативии забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ, муайян кардани монандӣ ва тафриқаи онҳо дар асоси муқоиса бармеояд. Дар диссертатсия Ибрагимова Машҳурахон Тураҷоновна аз муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили Б. Ниёзмуҳаммадов, Д.Т. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, М. Исматуллоев, К. Усмонов, Н.И. Ғиёсов, С. Ҳалимов, М. Шукурова, Р. Ғаффоров, И. Исмоилов ва дигарон ном мегирад, ки дар атрофи сохтор ва таркиби майдонҳои функсионалӣ-семантикии забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ пажӯҳишҳои илмиро ба сомон расондаанд. Барои пажӯҳиши хаматарафа муҳаққиқ сарчашмаҳои зиёдеро аз забоншиносони хориҷӣ ва ватанӣ мутолиа намуда, дар рафти кор мавриди истифода қарор додааст, ки В.Г. Адмони, А.В. Бондарко, О.Я. Иванова, Х.Р. Куджов, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, П. Ҷамшедов, Н.И. Ғиёсов, С. Назарзода, О.Ҳ. Қосимов, С. Ҷаматов, М.Н. Азимова, Д.М. Искандарова, К. Усмонов, Ф.Х. Носирова ва дигарон аз зумраи онҳо мебошанд.

Дар боби аввали диссертатсия зери унвони **«Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забоншиносӣ ва муаммоҳои он»** масоили назариявӣ ва методологӣ баён гардидаанд, ки дар раванди таҳқиқот муҳаққиқ онҳоро ба асос гирифтааст. Боби мазкурро докторант аз 3 зербоб мураттаб намуда, дар он аз таърихи таҳқиқи грамматикаи функсионалӣ, ҳадафи грамматикаи функсионалӣ омӯзиш ва инъикоси вазифаҳои (функсияҳои) воҳид-

ҳои забонӣ ва қонуниятҳои амалигардии воҳидҳои мазкур дар алоқамандӣ бо ҷузъҳои гуногунсатҳи муҳити зист, инчунин оид ба афзалият ва бартариҳои грамматикаи функсионалӣ назар ба грамматикаи анъанавӣ ва муаммоҳои онҳо дар ҷомеаи имрӯза фикру андешаҳои хешро иброз намудааст.

Докторант қайд намудааст, ки интихоби мавзуи мазкур тасодуфӣ нест, зеро онҳо бо сабабҳои муайян ин ё он шаклро интихоб намуда, вазифаи мушаххаси ҳар як шаклро таҳлил намудаанд. Интихоби шакли грамматикӣ бо омилҳои гуногуни услубӣ ва сабабнокиву вазъият алоқамандӣ дорад. Яъне, ГФ категорияҳои грамматикиро дар алоқа бо вазифаи муоширатие, ки онҳо ифода мекунанд, меомӯзад. Ин вазифаҳо (функсияҳо) дар сатҳҳои гуногуни забон амалӣ мешаванд, ки докторант дар мисолҳои ишорашуда таҳлил намудааст. Дар ин пажӯҳиш таҳлили функсияҳое, ки дар ҷараёни нутқ амалӣ мегарданд, пайгирӣ шудааст. Дар баробари ин, дар ин боб аз ҷониби докторант таҳқиқи типологӣ-муқоисавии сохтор ва таркиби майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ гузаронида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Сохтори майдони хурди ҷойгиршавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** унвон дошта, ба 2 зербоб ҷудо гардида, дар он воситаҳои синтаксисӣ, фразеологӣ ва морфологӣ, инчунин мавқеъ ва хусусиятҳои майдони хурди ҷойгиршавӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқ шудааст.

Дар ин боби диссертатсия докторант тавонистааст усулҳои истифодашавии пешояндӣ-исмӣ, мавқеи исм, феъл, ҳол, инчунин хусусиятҳои фарққунандаи муайянкунандаҳои ҳолии локативӣ, пешояндҳо, зарфҳои серистеъмол дар забонҳои қиёсшаванда, инчунин пажӯҳиши ифодаи майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ нишон диҳад.

Дар навбати худ докторант зикр намудааст, ки аз таҳлили сохтор ва таркиби майдони хурди ҷойгиршавӣ дар забони тоҷикӣ бармеояд, ки воҳидҳои забонӣ дар ҳудуди майдон номунтазам паҳн гардидаанд, ки ин аз имконияти воҳидҳои мазкур дар ифодаи маънои ҷойгиршавӣ вобастагӣ дорад. Инчунин зимни пажӯҳиш маълум гардид, ки унсурҳои таркибии майдони хурди ҷойгиршавӣ дар забонҳои муқоисашаванда якранг нестанд, чун дар сохтори таркибии майдони хурди ҷойгиршавӣ дар ҳар ду забони муқоисашаванда ҷиҳатҳои монанд ва фарққунанда ба назар мерасад, ки докторант бо тариқи мисолҳо таҳлил намудааст.

Боби сеюми диссертатсия ҳамчун **"Майдони хурди ҷойивазкунӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ"** ном дошта, дар он мафҳуми ҳаракат, мафҳуми майдон ва ҷойивазкунии ашёву ҳодисаҳо дар фазо ва алоқамандӣ бо он, инчунин оид ба таснифоти навъҳои ҳаракат дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди

таҳқиқ қарор гирифтааст. Боби мазкур аз 2 зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур аз ҷониби муҳаққиқ сохтор ва таркиби майдони хурди ҷойивазкунӣ дар ду забони муқоисашаванда дида баромадашуда, истифодашавии воситаҳои забониро дар ифодаи маънои ҷойивазкунӣ вобаста аз серистеъмолӣ ва фаррохии маъноиашон ишора гардидааст. Ҳар яке аз онҳо аз ҷониби докторант муқоиса ва таҳлил шуда, бо фикрҳои муаллифи диссератсия ҷамъбаст шудаанд.

Қобили зикр аст, ки ҳангоми таҳлил ва қиёси ботафсили майдони хурди ҷойивазкунӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, ки докторант ошкор сохтааст, бархе аз воҳидҳои забонӣ нисбатан серистеъмоланд ва дар ҳудуди марказиву наздимарказӣ қарор доранд. Зимни таҳқиқи хусусияти сохтории майдони хурди ҷойивазкунӣ ҷиҳатҳои изоморфӣ ва алломорфии ин майдони хурдро дар ду забони муқоисашаванда ошкор намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиоиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссератсияи Ибрагимова Машҳурахон Тураҷоновна дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандарт ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссератсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро ифода мекунад. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаб Ибрагимова Машҳурахон Тураҷоновна бо ихтисоси илмии дархостшаванда 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки Ибрагимова Машҳурахон Тураҷоновна ба омӯзиши муқоисавии самти функсионалӣ-семантики (вазифавӣ-маъноӣ)-и локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур дар илми забоншиносии муқоисавӣ икдоми нахустин буда, диссертант тавонистааст аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда барояд. Муаллифи диссертатсия бо мисолҳои мушаххас умумият ва фарқияти майдони локативиро дар забонҳои муқоисашаванда нишон додааст, ки ин боиси дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастоварду муваффақият ва пешниҳодҳои ҳадафмандона, диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

1. Барои боз ҳам қиммати илмӣ пайдо кардани диссертатсия ва барои зиёд такрор нашудани баъзе калимаҳо аз ҳаммаънои мувофиқи онҳо истифода менамуд.
2. Дар матни диссертатсия мисолҳо аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст, вале дақиқан нишон дода нашудааст, ки тарҷума аз кадом манбаъ гирифта шудааст ё шояд худи муаллифи диссертатсия онро тарҷума кардааст (саҳ. 36, 46, 47, 49,51 ва ғ.).
3. Муодили англисӣ ва ё тоҷикии баъзе аз мисолҳои дар рисола ҷой дошта тарҷума нашудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф онҳоро тарҷума мекард то арзиши илмии диссертатсия бештар мегардид.
4. Дар диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, эродҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Хулоса, ҳар як боби диссератсия бо хулосаҳои мушаххаси докторант ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масълаҳои дар диссертасия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Муаллифи диссератсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар 11 банд ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳаммияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсент мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Олматова Шарофат Сафаралиевна омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», суратҷаласаи **№9** аз **10.04.2025** тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ 11 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "тарафдор" – 11 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария ва
типологияи забони англисии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав **Олматова Шарофат Сафаралиевна**

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори
кафедраи назария ва типологияи
забони англисии Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав **Шарифзода Баҳром Абдуали**

**Котиби илмии ҷаласа:**
омӯзгори кафедраи назария ва типологияи
забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав **Муродов Исмоил Саидович**

Имзоҳои Ш.С. Олматова, Б.А. Шарифзода
ва Муродов И.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Исозода Тоҷиддин Исо**

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67
тел: (83222)02-45-20;02-22-53
E-mail: bgu1978@mail.ru,
Сомона: http://www.bgu.edu.tj

**«_10_» _04_ соли 2025**